Ба дурустӣ, Худо ба хотири ман аз умматонам хатову фаромӯшӣ ва он чиро, ки бар он маҷбур карда шудаанд, гузашт кардааст

Аз Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ба дурустӣ, Худо ба хотири ман аз умматонам хатову фаромӯшӣ ва он чиро, ки бар он маҷбур карда шудаанд, гузашт кардааст".
[قال النووي: حديث حسن] [رواه ابن ماجه والبيهقي وغيرهما]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки Аллоҳ Таъоло барои уммати ӯ се ҳолатро афв кардааст: Аввал: Хато, яъне коре, ки бе қасд ва ният анҷом мешавад. Мусалмон мехоҳад кори дурустеро анҷом диҳад, вале амалаш баръакси қасдаш мебарояд. Аллоҳ дар чунин ҳолат афв мекунад, зеро он амдан набудааст. Дуюм: Фаромӯшӣ, яъне мусалмон чизеро дар ёд дорад, вале дар вақти амал онро фаромӯш мекунад. Дар чунин ҳолат низ бар ӯ гуноҳ нест, зеро фаромӯшӣ аз табиати инсон аст ва Аллоҳ Таъоло чунин ҳолатҳоро афв кардааст. Сеюм: Иҷбор, яъне шахсро маҷбур мекунанд, ки амале анҷом диҳад, дар ҳоле ки ӯ анҷом додани он амалро намехоҳад, вале наметавонад маҷбуриро бартараф кунад. Дар чунин ҳолат, бар ӯ гуноҳ нест ва гунаҳкор шуморида намешавад. Бо таваҷҷуҳ ба он ки мавзуи ҳадис дар мавриди он чи байни банда ва Парвардигораш дар анҷоми кори мамнуъ аст, аммо агар касе фармонеро (фаризае) фаромӯш карда тарк кунад, воҷиб аз ӯ соқит намешавад, бояд онро ҷуброн кунад (масалан, намози фаромӯшшударо қазо дорад). Агар амали ӯ, ҳарчанд хато ё маҷбурӣ анҷом шуда бошад, ба дигарон зиён расонад, ҳаққи мардум соқит намешавад. Масалан, агар касе нохост одаме кушта бошад, бар ӯ дия (ҷаримаи хун) лозим аст. Агар мошини касеро беқасд вайрон кунад, бояд зарарро ҷуброн кунад. Хулоса, ҳадис дар ҳаққи гуноҳони шахсӣ байни банда ва Худо сабукӣ медиҳад, вале ҳаққи мардум ҷуброн намешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4216